# Суратҷаласаи №15

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

аз 12 ноябри соли 2020

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

12 ноябри соли 2020 соати 15.30 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 17:20.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи «**Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Ахбори муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҷ. Садуллоев шунида шуд.

Диссертатсия дар шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии "Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон";
2. **Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи "Илм ва ҳаёт".

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода".

Котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Унвонҷӯ Иноятова Зебинисо Подабоновна бо муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон А. Кӯчарзода, У. Сафаров, Б. Мақсудов ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии "Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон", **Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи "Илм ва ҳаёт" баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон А. Азимов, М. Муродӣ, Т. Мардонӣ, А. Кӯчарзода, Б. Мақсудов иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо – А. Азимов (раис), Т. Мардонӣ, Б. Мақсудов (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 20 нафар аъзои Шӯро 17 нафар ҳузур доранд: аз инҳо 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 17, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Иноятова Зебинисо Подабоновна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 12. 11. 2020** **ш. Душанбе**

1. Баромади Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи «**Мавқеи муаллиф-ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)**, аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ: **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, **Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович** – номзади илмҳои

филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи “Илм ва ҳаёт”, муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон А. Кӯчарзода, А. Азимов, М. Муродӣ, Б. Мақсудов, Т. Мардонӣ ва А. Мамадназаровро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Иноятова Зебинисо Подабоновна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи «**Мавқеи муаллиф-ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)** аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Иноятова Зебинисо Подабоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Иноятова Зебинисо Подабоновна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, профессор — Садуллоев Ҷ. М.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филология, дотсент — Гулназарова Ж. Б.